## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқ бо аҳаммияти хоси ҷинояти роҳзанӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъсири манфии он ба амнияти ҷамъиятӣ, моликият ва шахсият муайян мегардад. Роҳзанӣ ҳамчун шакли хатарноки тасарруфи зӯроваронаи молу мулки ғайр дорои хусусияти дугона буда, ҳамзамон ба муносибатҳои моликиятӣ, ҳаёт, саломатӣ ва амнияти шахсии шаҳрвандон таҷовуз менамояд. Маҳз ҳамин хусусият сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноятро муайян намуда, онро ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мансуб мегардонад.

Дар шароити муосир, таъмини ҳифзи моликият ва амнияти шахсият яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашудаи ҳуқуқӣ ва ташкиливу амалӣ, роҳзанӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ то ҳол боқӣ монда, дар баъзе ҳолатҳо бо шаклҳои мураккабтар, истифодаи зӯроварии вазнин, таҳдиди воқеӣ, истифодаи силоҳ ё предметҳои ба сифати силоҳ истифодашаванда, инчунин содиршавӣ дар ҳайати гурӯҳ зуҳур мекунад. Ин

ҳолатҳо на танҳо дараҷаи хавфнокии ҷиноятро зиёд мекунанд, балки ба фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ мушкилоти ҷиддии бандубастӣ эҷод менамоянд.

Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки дар татбиқи меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ихтилофоти назаррас вуҷуд доранд. Аз ҷумла, масъалаҳои муайян намудани моҳият ва мазмуни "ҳуҷум", лаҳзаи анҷомёбии роҳзанӣ, мазмуни истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи он, фарқгузории роҳзанӣ аз таркиби ҷиноятҳои монанд, ба хусус ғоратгарӣ ва бандитизм, инчунин татбиқи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи он то ҳол хусусияти баҳсталаб доранд. Номуайянии чунин масъалаҳо дар амалия метавонад боиси ба таври гуногун татбиқ шудани меъёри м.249 КҶ ҶТ гардида, риояи принсипҳои қонуният, адолат ва гунаҳгориро халал созад.

Мубрамияти таҳқиқ, инчунин, аз он бармеояд, ки дар доираи таҳқиқоти илмии ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ масъалаҳои вобаста ба танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ва мушкилоти бандубасти ҳуқуқии он то имрӯз ба таври маҷмуи мавриди таҳлил қарор дода нашудааст. Аксари корҳои илмӣ ба ҷанбаҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият бахшида шуда, роҳзанӣ аксаран дар доираи умумии чунин ҷиноятҳо баррасӣ мегардад, дар ҳоле ки хусусиятҳои хоси он ҳамчун ҷинояти зӯроварона боқӣ мемонанд.

Илова бар ин, таҳаввули қонунгузории ҷиноятӣ, тағйироти воридшуда ба меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқсозии онҳо ба воқеиятҳои муосири иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ масъалаи таҳлили дубора ва аз нав арзёбии меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро ба миён меоранд. Дар чунин шароит, таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таъмини ягонагии амалияи судию тафтишотӣ аҳаммияти хос касб менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ, таҳлили амиқи унсурҳои таркибии он, мушкилоти

бандубасти ҳуқуқӣ ва таҳияи меъёрҳои дақиқи фарқгузории он аз дигар таркиби муҷовири ҷиноятҳо дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии буда, мубрамияти мавзуи диссертатсияи пешниҳодшударо пурра асоснок менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом бадастомада дорои дараҷаи муайяни навгонии илмӣ буда, ба таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузорӣ саҳми назаррас мегузоранд. Навгонии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар равиши системавӣ ва фарогири баррасии роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти зӯроваронаи мустақил, дорои хусусияти бисёробъектӣ, ифода меёбад.

Дар диссертатсия бори аввал дар сатҳи таҳқиқоти илмии миллӣ алоқамандии дохилии унсурҳои таркибии роҳзанӣ (объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъект) бо масъалаҳои бандубасти ҳуқуқӣ ба таври муназзам таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки маҳз номуайянии баъзе аз ин унсурҳо боиси ихтилоф дар амалияи судию тафтишотӣ мегардад. Муаллиф бо такя ба таҳлили қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи он, як қатор мавқеъҳои назариявии баҳсталабро дақиқ ва асоснок менамояд.

Навгонии натиҷаҳо ҳамчунин дар тафсири лаҳзаи анҷомёбии роҳзанӣ, шарҳи ҳуқуқии истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи он, инчунин дар муайян намудани аҳаммияти мақсади ғаразнок ҳамчун унсури ҳатмии тарафи субъективии ин ҷиноят зоҳир мегардад. Ин хулосаҳо дорои аҳаммияти амалӣ буда, имконияти татбиқи онҳоро дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ фароҳам меоранд.

Дар кори мазкур инчунин меъёрҳои илмии фарқгузории роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд (ғоратгарӣ, дуздӣ ва дигар шаклҳои тасарруфи молу мулки ғайр) пешниҳод шудаанд, ки ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф пешниҳодҳои мушаххас

оид ба такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар қисмати аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, таҳия намудааст, ки дорои хусусияти навоваронаи ҳуқуқӣ мебошанд.

Нуқтаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, иборатанд аз:

– муқарраротии илмӣ дар бораи моҳияти роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти бисёробъектии зӯроварона ва таъсири он ба муносибатҳои моликиятӣ ва амнияти шахсият;

– хулосаҳои асоснок оид ба лаҳзаи анҷомёбии роҳзанӣ ва аҳаммияти истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он дар бандубасти ҳуқуқии ҷиноят;

– мавқеи илмӣ дар бораи нақши мақсади ғаразнок ва шакли гуноҳ дар тарафи субъективии роҳзанӣ;

– меъёрҳои пешниҳодшудаи фарқгузории роҳзанӣ аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд дар амалияи судию тафтишотӣ;

– пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили муқарраротии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ.

Ҳамин тариқ, дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда дар асоси таҳқиқоти пайдарҳами илмӣ ва таҳлили амиқи манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ташаккул ёфтаанд. Муаллиф масъалаҳои баррасишавандаро бо такя ба далелҳои ҳуқуқӣ ва маводи воқеии судию тафтишотӣ таҳлил намуда, хулосаҳои худро дар заминаи робитаи мантиқии назария ва амалия баён кардааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо бо он муайян мегардад, ки онҳо на аз муқарраротҳои умумӣ, балки аз таҳлили муназзами қонунгузории

амалкунанда, муқоисаи мавқеъ ва андешаҳои илмӣ ва арзёбии таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд. Дар таҳқиқ мавқеъҳои гуногуни илмӣ санҷида шуда, натиҷаҳои пешниҳодшуда бо воқеияти амалияи ҳуқуқӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Тавсияҳои муаллиф хусусияти назариявии маҳдуд надошта, ба ҳалли мушкилоти мушаххаси амалияи судӣ ва тафтишотӣ равона шудаанд. Онҳо бо талаботи қонуният, мутаносибӣ ва адолати иҷтимоӣ мувофиқат дошта, имконияти истифодаи онҳоро дар такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таъмин менамоянд.

Дар маҷмуъ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта боэътимод буда, дорои асоси устувори илмӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ хизмат намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 224 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддимаи рисола интихоби мавзуи таҳқиқ ҳамчун масъалаи дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ асоснок мегардад. Муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона менамояд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи меъёрҳои марбут ба ҷинояти пешбинишуда дар моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор номуайяниҳо ва мушкилоти баҳсталаб мавҷуданд, ки ҳалли онҳо барои таъмини татбиқи дурусти қонун аҳаммияти хос дорад.

Ҳамзамон, дар муқаддима доираи масъалаҳои таҳқиқ, мақсади асосӣ ва вазифаҳои илмӣ, объект ва предмети омӯзиш, инчунин навгониҳои илмӣ ва

аҳаммияти амалии онҳо ба таври мушаххас муайян карда шудаанд. Ин муқаррарот самти умумии таҳқиқро муайян намуда, арзиши илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсиониро ҳамчун таҳқиқоти мустақил ва мукаммал нишон медиҳанд.

**Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии он»** масъалаҳои асосии ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқи ҷиноятии роҳзанӣ, инчунин таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Тавре аз диссертатсия бармеояд, боби мазкур дорои хусусияти назариявию методологӣ буда, заминаи илмиро барои таҳқиқи минбаъдаи таркиб ва бандубасти ҷинояти роҳзанӣ фароҳам меорад.

Дар доираи ин боб муаллиф таърихи рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1917 то 2025 баррасӣ намуда, марҳилаҳои асосии ташаккули меъёрҳои дахлдорро муайян кардааст. Дар диссертатсия зикр мегардад, ки ин раванд шартан ба чор давраи таърихӣ ҷудо мешавад, ки ҳар кадоми онҳо бо хусусиятҳои хоси сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва тағйирёбии муносибати қонунгузор ба ҷиноятҳои зӯроваронаи молумулкӣ тавсиф меёбанд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки мафҳуми роҳзанӣ тадриҷан аз зикри умумӣ дар санадҳои ибтидоии шуравӣ то шакли мукаммали таркиби ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда ташаккул ёфтааст.

Дар солҳои аввали баъди Инқилоб қонунгузории ягонаи ҷиноятӣ ҳанӯз ташаккул наёфта буд. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан дар декретҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ инъикос ёфта, онҳо ба таври муваққатӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ истифода мешуданд (саҳ.20).

Муаллиф хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзаниро дар санадҳои қонунгузории минбаъда пайдарпай таҳлил намудааст, аз ҷумла дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон соли 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 ва Кодекси ҷиноятии соли 1961. Дар ҷараёни таҳлил муаллиф ҳар як марҳиларо

бо дарназардошти хусусиятҳои мусбӣ ва камбудиҳои меъёрӣ баррасӣ намуда, таҳаввули тадриҷии муносибати қонунгузорро нисбат ба ҷавобгарӣ барои роҳзанӣ нишон медиҳад.

Қисмати муҳимми боб ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки муаллиф меъёрҳои қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ва як қатор кишварҳои хориҷиро муқоиса намуда, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзаниро муайян кардааст. Аз ҷумла, таҷрибаи кишварҳое баррасӣ мешавад, ки дар онҳо роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти мустақили зӯроварона ё ҳамчун шакли махсуси тасарруф танзим мегардад. Ин таҳлил имкон додааст, ки имкониятҳои истифодаи таҷрибаи мусбати хориҷӣ барои такмили қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шаванд. Аз ҷумла, муаллиф таъкид менамояд, ки оғози боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз таркиби роҳзанӣ аз ҷиҳати низомнокии қонунгузорӣ асоснок тар ба назар мерасад, зеро чунин тартиб ба принсипи ҷойгир намудани таркиби ҷиноятҳо дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мутобиқ ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо бештар мувофиқат менамояд (саҳ.51).

**Дар боби дуюми ин таҳқиқот «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии таркиби ҷинояти роҳзанӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф таҳлили муфассал ва низомноки унсурҳои таркибии ҷинояти роҳзаниро анҷом медиҳад. Дар ин боб бо такя ба муқаррароти моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъҳои илмии муҳаққиқон ва амалияи судию тафтишотӣ, масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят пайдарҳам баррасӣ шудаанд.

Ҳангоми таҳлили объекти роҳзанӣ (саҳ. 52–78) муаллиф нишон медиҳад, ки ин ҷиноят дорои хусусияти бисёробъектӣ буда, ҳамзамон ба муносибатҳои моликиятӣ ва амнияти шахсият таҷовуз менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок чунин мавқеъро пешниҳод менамояд, ки ба

сифати объекти бевоситаи ҷинояти роҳзанӣ на ҳаёт ва саломатии шахс, балки муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф карда шаванд. Ба андешаи муаллиф, ин муносибатҳо байни молик ё соҳиби дигари қонунии молу мулк ва шахсони сеюм вобаста ба амалишавии ҳуқуқҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ нисбат ба молу мулк ба вуҷуд меоянд. Ҳамин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба назари муаллиф, объекти бевоситаи роҳзаниро ташкил медиҳанд (саҳ.68-69).

Дар қисмати минбаъда таҳлили тарафи объективии роҳзанӣ анҷом дода шуда, масъалаҳои аломатҳои тарафи объективии ин ҷиноят ба монанди ҳуҷум, истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи он, инчунин лаҳзаи анҷомёбии ҷиноят мавриди баррасии амиқ қарор мегиранд.

Ба андешаи муаллиф, мавқеи он олимоне бештар қобили қабул мебошад, ки мафҳумҳои «ҳуҷум» ва «истифодаи зӯроварӣ»-ро ҳамчун мафҳумҳои баробармаъно баррасӣ менамоянд. Муаллиф таъкид мекунад, ки муҳаққиқоне, ки кушиши ҷудо намудани мафҳумҳои «ҳуҷум» ва «истифодаи зӯроварӣ»-ро мекунанд, на ҳамеша метавонанд фарқияти дақиқи ҳуқуқии ин мафҳумҳоро нишон диҳанд. Илова бар ин, чунин муаллифон, ба назари ӯ, наметавонанд ба таври асоснок шарҳ диҳанд, ки ҳуҷум бидуни истифодаи зӯроварӣ дар амал ба чӣ ифода меёбад ва чӣ гуна метавонад ҳамчун аломати мустақили таркиби роҳзанӣ баррасӣ гардад (саҳ.84).

Дар бахши таҳлили тарафи субъективии роҳзанӣ муаллиф таъкид менамояд, ки ин ҷиноят танҳо бо қасди бевосита ва бо мақсади ғаразнок содир мегардад (саҳ. 103-117), ки ин ҳолат барои фарқгузории роҳзанӣ аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанд аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар доираи ин боб муаллиф мазмун ва моҳияти қасди бевосита ҳангоми содир намудани роҳзанӣ, инчунин ангеза ва мақсади ҷиноят ва аҳаммияти онҳо дар раванди бандубасти ҳуқуқии ин кирдорро ба таври амиқ ва

муфассал таҳлил намудааст. Таҳлил бо истифода аз маводҳои амалияи судӣ анҷом дода шуда, дар асоси онҳо муаллиф хулосаҳои мушаххас ва илмии асоснок оид ба нақши унсурҳои тарафи субъективии роҳзанӣ пешниҳод менамояд.

Қисми ниҳоии боб ба баррасии субъекти ҷинояти роҳзанӣ бахшида шуда, аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, аз ҷумла синну сол, мукаллафӣ вобаста ба таркиби ҷинояти роҳзанӣ ҳаматарафа таҳлил ва баҳогузорӣ шудааст (саҳ. 117-125).

**Боби сеюми диссертатсия «Бандубасти роҳзанӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ»** ба баррасии масъалаҳои бандубасти ҳуқуқии роҳзанӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф мушкилоти татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро дар раванди бандубасти роҳзанӣ таҳлил намуда, сабабҳои ба миён омадани ихтилоф дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро нишон медиҳад.

Дар қисмати аввали боб аломатҳои вазнинкунандаи таркиби роҳзанӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, таъсири онҳо ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф масъалаҳои баҳсталаби вобаста ба бандубасти ҷиноят аз рӯйи аломатҳои такроран; аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба манзил, бино ё дигар анборхонаҳо содир шудани роҳзаниро ҳаматарафа бо овардани мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи судӣ таҳлил намуда ба хулосаҳои асоснок омадааст. Аз ҷумла муаллиф баён медорад, ки “муайян намудани ҷавобгарии пурзӯр барои такроран содир намудани ҷиноят, аз ҷумла дар ҳолати роҳзанӣ бешубҳа ба он асос ёфтааст, ки шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир мекунанд, хавфнокии бештари ҷамъиятӣ доранд, зеро майли устувори онҳоро ба содир намудани ҷиноят нишон медиҳанд. Аммо, бо назардошти он ки асоси пурзӯр намудани ҷавобгарӣ дар ҳолати такроран содир намудани ҷиноятҳо асосан ба хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор вобаста аст,

на ба худи кирдор, мақсаднок ба назар мерасад, ки ин аломати вазнинкунанда аз м.249 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад” (саҳ.130-131).

Зербоби дуюми боб ба таҳлили аломатҳои махсусан вазнинкунандаи роҳзанӣ, яъне бо мақсади ба миқдори калон ба даст овардани молу мулк; аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; бо истифода аз шароити офати табиӣ ё ҷамъиятӣ; бо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ; дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир шуда бошад бахшида шудааст.

Муаллиф содир шудани роҳзанӣ ба миқдори калонро баррасӣ намуда баён медорад, ки қонунгузор ҳангоми таҳия ва баён кардани ин аломати вазнинкунандаи роҳзанӣ истилоҳи “ба даст овардани молу мулк”-ро беасос истифода намудааст. Зеро ибораи мазкур пурра моҳияти роҳзаниро ҳамчун яке аз шаклҳои тасарруф пурра ошкор намесозад. Вобаста ба ин пешниҳод мешавад, ки б. “а” қ.3 м.249 КҶ ҶТ мумкин аст ба тариқи зайл ифода гардад: “бо мақсади тасарруфи молу мулк ба миқдори калон” (саҳ.146-147).

Дар зербоби ниҳоии боб масъалаи фарқгузории роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд ба таври ҳамаҷониба таҳлил карда мешавад.

Дар КҶ ҶТ як қатор таркиби ҷиноятҳое ҷой доранд, ки вобаста ба аломатҳои таркиби худ бо роҳзанӣ наздикӣ доранд ва ин барои бандубасти дуруст ва асосноки ҷиноят зарурати аз ҳам ҷудо намудани чунин таркибҳоро талаб месозад (саҳ.176).

Муаллиф меъёрҳои асосии фарқкунандаи роҳзаниро аз ғоратгарӣ, дуздӣ ва дигар шаклҳои тасарруфи молу мулки ғайр нишон дода, аҳаммияти дуруст муайян намудани ин меъёрҳоро барои таъмини қонуният ва ягонагии амалияи судӣ таъкид мекунад. Ба таври асоснок хулосабарорӣ мешавад, ки “фарқияти роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи самти қасд барои ба даст овардани молу мулки ғайр, ки аломати асосии инъикосгари фарқияти ҷиддии ин ҷиноятҳо мебошад, анҷом дода мешавад. Таркиби роҳзанӣ қасди ба даст овардани молу мулкро дар ҳоли ҳозир (дар лаҳзаи истифодаи зӯроварӣ - ҷисмонӣ ё рӯҳӣ), ё фавран пас аз татбиқи он дар назар дорад. Ҳангоми тамаъҷӯӣ қасд барои ба даст овардани молу мулки талабшаванда

ба оянда равона карда шудааст (на дар лаҳзаи истифода таҳдидҳо, балки пас аз вақти муайян). Ин фарқияти асосии роҳзанӣ ва тамаъҷуӣ аз мазмуни меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бармеояд, ки ҷавобгариро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунад” (саҳ.190)

Хулосаи диссертатсия аз 17 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 11 банди дорои хусусияти пешниҳодӣ, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона шудаанд, иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқ бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ва бандубасти он, як қатор пешниҳодҳои илмӣ асоснок ҷиҳати такмили моддаи 249 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидаанд. Ин пешниҳодҳо ба дақиқсозии аломатҳои таркибии ҷиноят, беҳтар намудани фарқгузории роҳзанӣ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд ва таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ равона шудаанд.

Хулосаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва амалӣ барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд ва ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи муносибатҳои моликиятӣ ва амнияти шахсият мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти омӯзиши роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти зӯроваронаи бисёробъектӣ мусоидат намуда, як қатор масъалаҳои баҳсталаби марбут ба таркиби ҷиноят ва бандубасти ҳуқуқии онро аз ҷиҳати илмӣ дақиқ месозад. Хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ натиҷаҳои таҳқиқ дар имконияти татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодҳои муаллиф ба такмили бандубасти ҷинояти роҳзанӣ, кам намудани ихтилоф дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таъмини татбиқи якхелаи меъёрҳои

қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар раванди таълим ва омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ истифода гарданд.

Аҳаммияти иқтисодӣ бо он вобаста аст, ки такмили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ ба таҳкими ҳифзи моликият ва коҳиш додани зарари моддӣ аз ҷиноятҳои зӯроварона мусоидат мекунад. Татбиқи дурусти меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад ба паст шудани хароҷоти давлатӣ барои тафтиш ва бартараф намудани оқибатҳои ҷинояткорӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ натиҷаҳои диссертатсия дар таҳкими қонуният, таъмини адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи амнияти шахсӣ ифода меёбад. Беҳтар гардидани амалияи бандубасти роҳзанӣ ба коҳиши ҳолатҳои ноамнӣ дар ҷомеа ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ замина фароҳам меорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқро фаро мегиранд.

Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусаломба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сохтори мантиқии муттасил, пайдарҳамии дохилӣ ва якпорчагии мазмун мебошад. Навгонии натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда, мазмуни нуқтаҳои ба ҳимоя баровардашуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалии ироагардида бо фаъолияти нашриявӣ ва баромадҳои илмии муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд. Инчунин, тарзи таҳлили масъалаҳо, интихоби методҳои тадқиқот, сатҳи умумии коркарди мавод ва услуби илмии баён нишон медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти мустақилона ва эҷодии таҳқиқотии муаллиф мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Муаллиф дар матни диссертатсия қайд менамояд, ки «тарафи субъективии роҳзанӣ аз он иборат аст, ки гунаҳгор ҳангоми истифодаи зӯроварӣ ва тасарруфи молу мулки ҷабрдида фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд, яъне ин ҷиноят бо қасди бевосита содир карда мешавад» (саҳ. 104). Ҳамзамон, ҳангоми баррасии тарафи объективии ҷиноят, муаллиф мавқееро ҷонибдорӣ мекунад, ки мувофиқи он роҳзанӣ дорои таркиби расмӣ мебошад.

Дар ин замина, ба миён омадани саволи мантиқӣ ногузир аст, зеро дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ муносибати рӯҳии шахс нисбат ба оқибатҳои ҷиноят муайян карда намешавад, чунки чунин оқибатҳо берун аз таркиби ҷиноят қарор доранд. Аз ин рӯ, ишора ба пешбинӣ намудани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ҳамчун унсури қасди бевосита метавонад бо мавқеи муаллиф дар бораи расмӣ будани таркиби роҳзанӣ мухолифати муайяни назариявӣ эҷод намояд.

Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи

рисола мавқеи мушаххаси худро дар масъалаи мазмуни қасди бевосита ҳангоми роҳзанӣ равшантар ва дақиқтар баён намояд, то ки пайдарҳамии мантиқии таҳлил ва асоснокии хулосаҳои пешниҳодшуда пурра таъмин гардад.

2. Муаллиф ҳангоми таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ як қатор хусусиятҳои фарққунандаи танзими ҷавобгарӣ барои роҳзаниро ошкор намудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо, аз ҷумла ҳамаи ҳолатҳои истифодаи зӯроварӣ новобаста аз хавфнок будан ё набудани он барои ҳаёт ва саломатӣ дар доираи таркиби роҳзанӣ муттаҳид карда шудаанд. Ба ибораи дигар, зӯроварӣ ҳамчун аломати роҳзанӣ ҳам зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ва ҳам зӯроварии хавфнок набударо дар бар мегирад, дар ҳоле ки ғоратгарӣ танҳо ҳамчун тасарруфи ошкорои молу мулк эътироф карда мешавад (саҳ.41). Чунин равиш дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон низ ҷонибдорӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавӣ асосан бо нишон додани хусусиятҳои фарққунандаи қонунгузории хориҷӣ маҳдуд гардида, мавқеи шахсии муаллиф нисбат ба имконияти қобили қабул будани онҳо барои такмили меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшан ифода нагардидааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 59 диссертатсия ба хулосае меояд, ки мувофиқи он роҳзанӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулк баррасӣ намешавад. Бо вуҷуди аҳаммияти назариявии чунин мавқеъ, бояд зикр намуд, ки ин хулоса дар матни рисола ба таври кофӣ ва муфассал асоснок нагардидааст.

Ғайр аз ин, хулосаи мазкур дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда таҷассуми худро пайдо накардааст, ки ин метавонад дар муайян намудани мақоми он ҳамчун натиҷаи мустақили илмии таҳқиқ саволҳо ба миён оварад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф мавқеи зикршударо ба таври муфассалтар асоснок намуда, онро дар низоми умумии хулосаҳои илмӣ ҷой медод. Бо дарназардошти эродҳо ва норасоиҳои дар

боло қайдшуда, бояд таъкид намуд, ки онҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири ҳалкунанда намерасонанд, сатҳи анҷомёфт ва мукаммалии таҳқиқро халалдор намекунанд ва арзиши натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи: «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров,
21 Тел: (+992) 93-581-93-18 E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru
«12» 01 2026 сол